**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии Алиев И.И. ба яке аз масъалаҳои мубраминазарияи давлат ва ҳуқуқ – функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарогири ҷанбаҳои назарӣ ва амалии масъалаи ишорашуда мебошад. Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд зарурати аз нав дида баромадани проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба миён меорад. Таърифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ ба таври васеъ истифода мешавад, яке аз воқеияти (зуҳуроти) бунёдии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар танзими механизми ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Таваҷҷуҳи илми ҳуқуқи ватанӣ ба проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар қисмати функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар қонунгузори Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ меафзояд. Он яке аз шарту меъёрҳои самаранокии таъсири ҳуқуқӣ мегардад, ки проблемаҳои он дар маркази таваҷҷуҳи олимон ва донишмандон қарор дорад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ институти муҳимми ҳар як низоми ҳуқуқӣ буда, ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хизмат мекунад ва яке аз аломатҳои

муҳиме мебошад, ки ҳуқукро ҳамчун танзимгари зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсиф медиҳад.

Татбиқ ва амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сатҳи қонуният ва ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, сифати меъёрҳои ҳуқуқиро нишон медиҳад, ки дар ниҳоят самаранокии тамоми низоми ҳуқукро бозгӯ менамояд. Аммо доираи масъалаҳое, ки ба мақсадҳо, принсипҳои он ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманданд, ба назари мо ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илми ҳуқуқи ватанӣ беш аз пеш мубрам мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки раванди нав дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ боиси тағйироти проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гардида, ба методҳо, принсипҳо ва шаклҳои амалишавии онҳо таъсир мерасонанд, ки бояд бо назардошти ҳадафмандии иҷтимоии қонунҳо ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мувофиқат намояд. Мутахассисони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ, функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои соҳаҳои ҳуқуқ, функсияҳои меъёрҳои гуногуни ҳуқуқ ва як қатор дигар проблемаҳои муҳимро фаъолона омӯхтанд. Аммо ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва аз ҳама муҳимаш ба шаклҳои амалисозии онҳо таваҷҷуҳи кам зоҳир намудаанд. Бинобар ин, омӯзиши маҷмуии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо таҳқиқоти нав дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дар дар сатҳи зарурӣ дар амал татбиқ намудани онҳо аз сатҳу сифати қонунҳо ва иҷроиши онҳо вобастагии калон дорад. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 23.12.2022 изҳор намудаанд, ки «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан,

амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд. Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад. Вазифаҳои дар назди мо қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият бахшида шавад». Андешаи мазкур гувоҳи он аст, ки масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии функсияҳои он дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҳукумат қарор дорад. Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳи давлату ҳукумати кишвар ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки механизми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлату шахсони ҳуқуқӣ мебошад, дучанд зиёд гардид. Бинобар ин, дар самти мазкур консепсия, барномаҳои давлатӣ ва қонунҳои дахлдор қабул карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз эътироф бояд кард, ки таҳқиқи проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги илмию амалӣ дорад, зеро дар ин маврид сухан дар бораи воқеияти механизми ҳифзи ҳуқуқ меравад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз мубрам будани мавзуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи васеи масъалаҳоро фаро гирифтааст, ки паҳлуҳои мухталифи онҳо аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Аммо, бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ дар мавзуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, мақсади таҳқиқоти илмӣ дар омӯзишу

таҳқиқи масъалаҳо вобаста ба мафҳум ва моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таҳқиқи намудҳои алоҳидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, баррасии шаклҳои амалисозии функсияҳо, омӯзиши меъёрҳои қонунгузорӣ ва назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи мазкур ва омӯзишу таҳқиқ намудани шаклҳои амалисозии функсияҳо ифода меёбад.

Маврид ба тазаккур аст, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ **вазифаҳои** зеринро дар назди худ гузоштааст:

– омӯзиши мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва махусусиятҳои он;

– муайян кардани таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи мафҳум ва моҳияти шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳлили шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– омӯзиши функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– таҳлили функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– таҳқиқи функсияи пешгирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он;

– баррасии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки ба омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон, алоқаманд мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқоти** диссертатсиониро махсусиятҳои хоси назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба мавзуи таҳқиқот асосҳои методологӣ, таснифбандӣ ва низомноки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ ба шумор меравад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ андешаҳои илман асоснокро оид ба мафҳум, таснифбандӣ ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад. Нуқтаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия васеъ истифода гардидаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро ғояҳо ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии А.А. Абдурашидов, У.А. Азиззода, Г.С. Азизкулова, З. Ализода, С.С. Алексеев, А.А. Анфёров, Ғ.М. Бобокалонов, Р.Б. Бозоров, Б.Т. Базилев, М.А. Бестугина, М.С. Богданова, Р.Б. Бозоров, П.А. Варул, А.М. Диноршоҳ, Т.Т. Дубинин, И.Э. Звечаровский, З.Х. Зокирзода, Ш.М., Исмоилов, А.А. Иванов, Д.Н. Кархалев, А.З. Куканов, Д.А. Липинский, И.А. Лумпова, М.А. Маҳмудзода, А.С. Мордоветс, М.Г. Мелкумян, Э.С. Насриддинзода, Х.О. Ойев, А.И. Петелин, Т.Н. Радко, О.Э. Раҳмон, М.З. Раҳимов, Д.Ш. Сангинзод, А.И. Сафарзода, Л.Б. Смирнов, И.Н Тихоненко, М.П. Трофимова, Р.Л. Хачатуров, А. Хоҷиев, С. Ҳасанов, А.П. Чирков, Р.Ш. Шарофзода, Ш.Т. Шарипов ва диг. такя кардааст.

Ба воситаи усули диалектика тамоми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усули мазкур имконият дод, ки воқеияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: маданӣ, ҷиноятӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ, интизомӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ таҳлил карда шаванд. Усули мантиқӣ-забонӣ дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида, мусоидат намудааст. Дар заминаи усули мазкур истифодаи якхела ва дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ аз назари мантиқӣ ва забонӣ пешниҳод гардидаанд. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ  функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таносуби функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории ҶТ мавриди омӯзиш қарор гирифта, шабоҳат ва тафовути онҳо муайян гардидааст. Усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ,  ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, криминология ва ғ. истифода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд зикр кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори анҷомёфтаи илмӣ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад ва барои муҳокима ва ҳимоя тавсия дода мешавад.


**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи
назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азиззода У.А.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 907811285


Имзои У.А. Азиззодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«18» октябри 2023 с.